«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии
сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистан
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор
__________Убайдулло Асрорзода
«31» 05 __________ с. 2024

**БАРНОМАИ “WATER REUSE & RECYCLING SYSTEM” (2024-2030)**

**1. Асосноккунӣ**. Истифодаи оқилонаи захираҳои об, хусусан дар шароити иқлими хушки Тоҷикистон ва сарбории афзоянда ба низоми коммуналии шаҳри Душанбе, афзалияти рушди устувор мебошад. Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон (ДБССТ) барномаи комплексии "Water Reuse & Recycling System" - ро амалӣ менамояд, ки ба ташкили низоми бозгардиши об ва кам кардани истеъмоли оби нӯшокӣ тавассути истифодаи дубораи оби тозашуда ва оби борон равона шудааст.

**2. Мақсад ва вазифаҳои барнома**

**Мақсад:** истифодаи оби нӯшокиро 30% кам кардан ва то соли 2030 ҳадди аққал 50% оби тозашударо дубора истифода бурда шавад.

1. Татбиқи низоми тозакунии маҳаллии оби ифлос (аз шустушӯ, озмоишгоҳҳо ва ошхона);
2. Истифодаи оби тозашуда барои обёрӣ, ҳоҷатхонаҳо ва эҳтиёҷоти техникӣ;
3. Ташкили ҷамъоварӣ ва полоиши оби борон (амал мекунад);
4. Таъсиси низоми рақамии мониторинг ва ҳисоботи истифодаи об;
5. Ташаккули фарҳанги сарфаи об дар байни донишҷӯён ва кормандон.

**3. Тадбирҳои асосии амалигардонӣ**

1. Насби истгоҳи ихчам барои тозакунии оби ифлос бо иқтидори 20 $м^3$/рӯз бо полоиш, коагулятсия ва безараргардонии ултрабунафшӣ;
2. Ҳамоҳангсозии зарфҳои нигоҳдории оби тозашуда бо низоми обёрӣ ва таъминоти техникӣ;
3. Истифодаи оби гардишӣ барои шустан, тоза кардани биноҳо ва шустани мошинҳо;
4. Ташкили ҷамъоварии оби борон аз боми биноҳо ба обанборҳои махсус (амал мекунад);
5. Татбиқи модули рақамии Watercontrol IoT барои мониторинги сифати об ва сарф;

6. Омӯзиши кормандони техникӣ ва гузаронидани тренингҳои экологӣ оид ба гардиши об.

**4. Шарикӣ ва ҳамкории байналмилалӣ**

1. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон;
2. Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон;
3. GIZ (Ҷамъияти Олмон оид ба ҳамкории байналмилалӣ);
4. UNDP (Барномаи рушди СММ);
5. CAREC (Маркази минтақавии экологии Осиёи Марказӣ);
6. UI GreenMetric World University Rankings.

**5. Нишондиҳандаҳои самаранокӣ (KPI)**

| Нишондиҳанда | Воҳиди ченак | Ҳадаф то соли 2030 |
|---|---|---|
| Ҳиссаи оби такроран истифодашаванда | % | ≥ 50 |
| Кам кардани истеъмоли оби нӯшокӣ | % | ≥ 30 |
| Ҳаҷми оби тозашуда | м³ / сол | ≥ 10 000 |
| Шумораи системаҳои такрории насбшуда | воҳид | ≥ 4 |
| Шумораи чорабиниҳои омӯзишӣ | воҳид | ≥ 10 |

**6. Саҳм ба Ҳадафҳои рушди устувори СММ (ҲРУ)**

1. ҲРУ 6 "Оби тоза ва беҳдошт";
2. ҲРУ 9 "Инноватсия ва инфрасохтор";
3. ҲРУ 11 "Шаҳрҳо ва ҷамоатҳои устувор";
4. ҲРУ 12 "Истеъмол ва истеҳсоли масъулиятнок";
5. ҲРУ 13 "Мубориза бо тағйирёбии иқлим".

**7. Натиҷаҳои пешбинишуда**

1. Кам кардани истеъмоли об 30% ва истифодаи дубораи об беш аз 50%;
2. Ҷорӣ намудани низоми маҳаллии сарбастаи гардиши об дар кампуси донишгоҳ;
3. Баланд бардоштани сатҳи маърифати экологии донишҷӯён ва кормандон;
4. Ташаккули майдони намоишии навовариҳои обӣ дар соҳаи маориф ва илм.

**8. Сохторҳои масъул**

1. Институти илмию тадқиқотии рушди устувор ва иқтисоди сабз.
2. Ҳама кампусҳо ва филиалҳо.